**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи „Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 - 1991)“ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Дар солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии он буд ба соҳаи тиб ва муассисаҳои тиббӣ аҳамияти махсус дода мешуд, ки он ба хеле хуб гардидани саломатӣ ва болоравии сатҳи миёнаи умри мардум мусоидат менамуд. Аз ин рӯ интихоби мавзӯи „Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 - 1991)“ аз ҷониби Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович иқдоми саривақтӣ буда ва он дорои аҳамияти калони илмист.

Зимнан хотирнишон сохт, ки сохтори рисолаи Маҳмадов И. М. дар маҷмуъ ба талаботҳои барои рисолаҳои номзадӣ пешниҳодгардида мувофиқ мебошад ва он аз ду боб, муқадима ва ҳафт зербоб иборат мебошад.

Муаллиф бо такя ба асарҳо инчунин мақолаҳо, баромадҳо ва мусоҳибаҳои дар саҳифаҳои матбуот ба нашр расидаи Пешвои миллат Э. Раҳмон ва олимони шинохта ба мисли Р.А. Абулҳаев, А. Ғафуров Ғ. Ғоибов, Б. Искандаров, Н.А. Кисляков, А. Мухторов, Ш. Юсупов, А. Раҳматуллоев, Х. Сатторов, Н. Тоҷов ва дигарон заминаҳои пайдоиш ва рушди тибби муосир ва муассисаҳои тиббиро дар Тоҷикистон хеле хуб ба риштаи таҳлил кашидааст.

Қобили зикр аст, ки навоварии рисолаи Маҳмадов И. М. аз он иборат аст, ки он нахустин таҳқиқот оид ба ин мавзуъ дар илми таърихнигории ватанӣ дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб рафта, дар он таҳлили ҳамаҷонибаи пайдоиш ва рушди муассисаҳои замонавии тиббӣ дар собиқ вилояти Кулоб ва мушкилоти дар ин замина ҷой дошта, ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Муаллиф дар муқаддимаи рисола аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, сарчашмаҳои омӯзиши мавзӯи мазкурро нишон дода, ҳамзамон ҳадаф ва мақсади таҳқиқот, навоварӣ ва асосҳои методологии таҳқиқотро хеле хуб ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Ҳамзамон, дар муқаддимаи рисола таснифоти муфассали адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои истифодашуда оварда шудааст, ки он баёнгари то ба имрӯз ба тариқи васеъ мавриди омӯзиш қарор нагирифтани мавзӯи мазкур мебошад ва аз ин рӯ он ба чунин як таҳқиқоти муназзаму мукамал ниёз дорад. Лозим ба ёдоварист, ки дар рисола миқдори зиёди асарҳои илмӣ ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Бояд гуфт, ки сарчашмаҳои дар рисола истифода гардида бою рангин буда, пеш аз ҳама аз асарҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тариқи васеъ истифода шудааст, ки онҳо муайянкунандаи сиёсати давлатии кишвар дар соҳаи тандурустӣ ва тиб мебошанд.

Дар асоси асноду арқоми расмӣ, маводҳои архивӣ, маводи матбуоти даврӣ ва хотироти собиқадорони соҳа, дигаргуниҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва рущду мушкилоти мавзуи мавриди таҳқиқро дар солҳои 1924-1991 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

Зимнан бояд хотирнишон сохт, ки сохтори рисолаи Маҳмадов И. М. дар маҷмуъ ба талаботҳои барои рисолаҳои номзадӣ пешниҳодгардида мувофиқ буда ва он аз ду боб, муқадима ва ҳафт зербоб иборат мебошад.

Боби якуми рисола - «Таъсисёбии муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-60-уми асри хх», аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб, ки «Барпошавии Ҳокимияти Шӯравӣ ва таъсиси аввалин муассисаҳои тиббии замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 20-30 асри XX)» номида шудааст муаллиф дуруст зикр намудааст, ки дар ибтидои таъсиси ҳокимияти шуравӣ дар минтақаи Кӯлоб духтурони касбӣ ва

муассисаҳои тиббӣ мавҷуд набуданд ва табибони касбӣ ба ин ҷо асосан солҳои бистуми асри гузашта, дар ҳайати артиши сурх омада буданд. Аз ин рӯ дар он солҳо вазъи саломатии мардум ва ҳолати паҳншавии бемориҳои сироятиро ҳатто дар минтақаҳои ҳаммарз табибони касбии гарнизонҳои ҳарбӣ зери назорат доштанд.

Дар ҳамин зербоб муаллиф инчунин ташкил ва ташаккули муассисаҳои тиббиро сол ба сол то то давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар асоси сарчашмаҳо ва санадҳои мувассаҷи таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Зербоби дуюми боби якум ба масъалаи "Фаъолияти муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ" бахшида шудааст. Муаллиф дар ин зербоб фаъолияти табибони минтақа дар ин давра пеш аз ҳама мубориза ба муқобили касалиҳои сироятӣ будааст. Ӯ дуруст зикр намудааст, ки ба Осиёи Миёна ва аз ҷумла ба Тоҷикистон кӯчонида овардани бемористонҳо аз хати фронт ба рушди соҳаи тиб мусоидат намуд, зеро барои табобати беморон ва аскару афсарони захмии аз майдонҳои ҷанг ба ин ҷо оварда шуда, мутахассисони ҷавони маҳаллӣ низ ба кор ҷалб карда шуданд, ки онҳо донишу маҳорати касбии худро дар ин муассисаҳо сайқал медоданд.

Зербоби сеюми боби якум ба масъалаи "Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60 асри XX" бахшида шудааст. Муаллиф дар ин зербоб дар бораи ташкили аввалин бемористони кудакона, ташкили бемористонҳо ва бунгоҳҳои тиббӣ дар ниҳияҳои Муъминобод, Восеъ, Кулоб ва ғайра бо такя ба асноду арқоми мушаххас маълумоти ҷолиб додааст. Ӯ дар бораи мушкилоти соҳа ҳарф зада, ба ин нукта ишора фармудааст, ки дар солҳои 50 ва 60 қарни гузашта яке аз мушкилоти асосии муассисаҳои тиббӣ нарасидани мутахассисони соҳаи тиб буд, ки он асосан аз ҳисоби мутахассисони берун аз ҷумҳурӣ ҳаллу фасл мегардид.

Боби дувуми рисола «Сиёсати давлати Шӯравӣ дар таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар

солҳои 1970- 1991» бахшида шуда ва он аз чаҳор зербоб иборат аст. Муаллиф дар зербоби аввали боби дуюм, ки фарогири масоили марбут ба «Сиёсати давлатии таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб солҳои 1950-1991» мебошад ба ин нукта дуруст ишора намудааст, ки ба пешравиҳои назарраси соҳаи тиб нигоҳ накарда дар вилояти Кӯлоб мутахассисони соҳаи тиб аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ намерасиданд. Аз ин рӯ муаллиф таърихи тайёр намудани мутахассисони маҳаллии соҳаро чӣ дар донищкадаи тиббии шаҳри Душанбе ва чӣ бо роҳи ташкил намудани мактабҳои тиббии маҳаллӣ хеле хуб ба риштаи таҳлил кашидааст.

Бояд гуфт, ки муаллиф ба ин нукта хеле хуб ишора фармудааст, ки дар солҳои 70-ӯми қарни гузашта аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ аввалин сироятшиносону ҷарроҳон, дорусозин ва химик - аналитикони маҳаллӣ, аз қабили Ғиёсиддин Олимов, Халифаев Давлат, Назирмад Раҷабов, Маҳмадов Ҳусниддин ва ғайра дар минтақаи Кулоб ба кор оғоз намуданд, ки онҳо минбаъд ба шуъбаҳои марбута ба ҳайси сардухтур фаъолияти худро идома доданд.

Муаллиф роҷеъ ба фаъолияти арзишманди мутахассисони маҳаллӣ, ба мисли табиби бемориҳои сироятӣ дар ноҳияи Восеъ Лемарк Хайёлов, дар ноҳияи Москва табиби кӯдакон Раҳим Каримов, ҷарроҳ И.Байдуллоев, духтурони касалиҳои дарунӣ Сафаралӣ Қудратов, Рӯзӣ Халифаев ва коркунони миёнаи тиббӣ С Муродов, С. Қиматов, Т. Касиров, Ш. Муъминов, бисёр маълумотҳои ҷолиб додааст.

Бояд гуфт, ки аз мадди назари муаллиф мущкилоти ҷойдошта ва нарасидани мутахассисони болаёқат дар бемористони вилояти Кулоб берун намондааст ва ӯ дар ин замина аз хизматҳои арзандаи мутахассиси ин соҳа Раъно Бобохонова, ки дар баробари дарс гуфтан аз фанни акушер-гинекология дар Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб ва дар вақтҳои фориғ аз дарс дар «Маслиҳатгоҳи занон» ба қабули занони бемор ва ҳомила машғул

мешуд хелу маълумотҳои ҷолиб додааст. Зербоби дуюми боби дуюми рисолаи хешро муаллиф ба «Муборизаи кормандони тибби минтақаи Кӯлоб бар зидди бемориҳои сироятӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар Тоҷикистон (солҳои 1970 – 1991)» бахшидааст. Муаллиф дар ин боб аз сар задани бемориҳои сироятӣ дар минтақаи кулоб бо арқоми саҳеҳ маълумотҳои ҷолиб додааст. Чунончи ӯ дар бораи паҳн шудани бемории вараҷа дар ноҳияи Москва, ки тавассути парандагон аз минтақаҳои наздисарҳадии Афғонистон дар ин ҷо паҳн гардида буд ва роҳу усулҳои бартараф намудани тибқи қарори Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон «Оиди пешгирии бемории малярия дар Тоҷикистон» баромад, ки дар он дар назди шуъбаҳои тандурустии вилоятҳо вазифаи иҷро намудани қоидаҳои санитарию гигиенӣ гузошта буд маълумот додааст. Ӯ инчунин дар бораи бемории дарунравӣ (дифтерия) ва чораҳои пешгирии он дар ҳудуди вилоят ва роҷеъ ба хунукназарии баъзе табибон, ки боиси марги кӯдакон аз ин бемории гардида буданд ибрози назар намудааст.

Ҳамзамон, муаллифи рисола роҷеъ ба таносуби духтурҳо ба саршумори аҳолиро, ки дар солҳои 70-80 асри гузашта аҳолии минтақаи Кулоб ба 450 ҳазор нафар расида буд мавриди омӯзиш қарор дода, онро нисбат ба дигар минтақаҳои Тоҷикистон камтар арзёбӣ намудааст.

Зербоби сеюми боби дуввуми рисола, ки ба мавзӯи «Рушди тибби вилояти Кӯлоб дар марҳилаи охирони давлатдории Иттиҳоди Шӯравӣ (солҳои 1980-1991)» бахшида шудааст, ки дар он муаллиф дастовардҳои соҳаи тибро дар вилояти Кулоб дар ин давра бо асноду арқоми саҳеҳ ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашидааст. Ин давра новобаста аз интиқоди муғризонаи баъзе аз "муҳаққиқон" дар таърихи Тоҷикистон ва собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ давраи пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеъа, аз ҷумла соҳаи тиб ба шумор меравад. Муаллиф дуруст зикр намудааст, ки дар солҳои 80-ум дар таърихи давлатдории Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун давраи пешрафту тараққиёти тамоми соҳаҳои ҷомеа ва аз он ҷумла соҳаи тиб дониста мешаванд. Дар

системаи тиббии шаҳру ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дар соли 1980 миқдори коркунони соҳаи тандурусти ба 670 нафар расид, ки аз онҳо 250 нафар табибон дорои таҳсилоти оли буданд ва шумораи беморхонаҳо дар минтақаи Кулоб ба 49 адад ва таваллудхонаҳо ба 11 адад расид. Дар арафаи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ бошад дастовардҳои соҳаи тиб дар вилояти Кулоб ба навиштаи муаллиф басо назаррас буданд. Дар ин давра шумораи табибони бо маълумоти олӣ дар қаламрави вилоят ба 727 нафар расида, табибони бо таҳсилоти миёна 2729 нафарро ташкил медоданд.

Ҳамзамон, дар ҳамин давра шумораи дорухонаҳо ба 41, санаторияҳо ба 10 ва маркзҳои саломатии ба 25 адад расида буд, ки ба назари воқеъбинонаи муаллиф аз бузургтарин дастовардҳои соҳа дар минтақаи Кулоб дар он солҳо ба ҳисоб меравад. Ин омил боиси муассирии пешгирии бемориҳои сироятӣ ва паст гардидани шумораи фавти кӯдакон гардид.

Зербоби чоруми боби дуввуми рисола ба «Саҳми табибони минтақаи Кӯлоб дар инкишоф ва пешрафти илми тиб дар ҶШС Тоҷикистон» бахшида шудааст. Муаллиф дар ин ҷо хеле воқеъбинона роҷеъ ба саҳми олимони минтақаи Кулоб дар пешрафти илми тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти арзишманд додааст. Вай аз рӯзгор ва осори илмии чунин олимони номвари соҳаи тибби минтақа, ба мисли Қурбонов Мурод, Пиров Абдулло, Олимов Раҳматулло, Аладуст Чобулов, Меҳмонов Пиримқул, Аламхон Ахмедов ва ғ. маълумотҳои ҷолиб дода, нақш ва мақоми корҳои илмии онҳоро дар рушди соҳаҳои мухталифи тибби ҷумҳурӣ хеле хуб нишон додааст.

Дар хулоса, натиҷаҳои умумии тадқиқот ҷамъбаст ва пешниҳодоти муаллиф барои рушди соҳа оварда шудаанд.

Умуман, рисолаи номзадии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар сатҳи зарурии илмӣ - назариявӣ навишта шудааст ва он бе шак саҳми муҳимми муаллиф дар таърихнигории Тоҷикистон мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола ба назари мо баъзе камбудию норасоиҳои зерин низ ба назар мерасанд:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф пайдоиш ва ташаккули илми тибро дар аҳди Сосониён ва Сомониён, инчунин оид ба заминаҳои он андаке маълумот пешниҳод мекард.

2. Чи тавре, ки дар боло зикр намудем, рисола аз ду боб ва ҳафт зербоб иборат аст. Аммо, ба андешаи мо, хуб мешуд, ки рисолаи мазкур тибқи талаботи низомномаи додани унвонҳои илмӣ ба се боб ва шаш зербоб тақсимбандӣ мегардид.

3. Дар рисола баъзе хатогиҳои услубӣ, имлоӣ ва грамматикӣ низ ба назар мерасанд, ки онҳо дар маҷмуъ арзиши илмии рисоларо паст намесозанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло мо чунин мешуморем, ки рисолаи дар мавзӯи „Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 - 1991)“ ба тамоми талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович сазовори гирифтани унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 Таърихи ватанӣ аст.

**Муқаррizi расмӣ:**
**мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон доктори**
**илмҳои таърих, профессор** **Хомидзода Ф.М.**

Имзои мудири кафедраи таърих ва диншиносии
ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих,
профессор Ҳомидзода Ф.М.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Х.
10. 11. 22.

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811; Факс: +992342225170; E-mail: tsulp@rambler.ru.